Нусха
аз қарори №3-и ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз 04.10.2022 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:** 16 нафар омӯзгори кафедраи назария ва таърихи адабиёт иштирок доштанд, ки аз онҳо 7 нафар доктори илм ва 5 нафар номзади илм мебошанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа гузаронида шавад.

**РӮЗНОМА:**

1. Баррасии диссертатсияи доктории **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** дар мавзуи **«Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси ҷаласа, доктори илми филология, профессор Солеҳов Ш.А. дар бораи баррасии диссертатсияи **Қосимӣ С. А.** шунида шуд. Иттилоъ дода шуд, ки ҳуҷҷатҳои довталаби дараҷаи илмӣ ва тақризи аз ҷониби мушовири илмӣ пешниҳодшуда ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертант оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маъруза намуд. Баъд аз баромади муаллифи диссертатсия суолу ҷавоб сурат гирифт. Қосимӣ С.А. ба суолҳои профессорон А. Худойдодов, В. Элбоев, Ш. Исрофилниё, Ш.Солеҳов, С. Саидов ва дотсентон А. Мирзоалиева ва А. Шоев ҷавоб дод.

Пас аз суолу ҷавоб баромади мушовири илмӣ – доктори илми филология, профессор **Раҳмонов Равшан Қаҳҳорович** шунида шуд. Хулосаи мушовири илмӣ мусбат буд.

**БАРОМАД КАРДАНД:**

Профессорон Худойдодов, В. Элбоев, Ш. Исрофилниё, Ш.Солеҳов, Казакова У., С. Саидов ва дотсент А. Мирзоалиева ва А. Шоев зимни баромадашон оид ба мубрамии мавзуъ, навгонии илмӣ ва

арзиши назарию амалии кори диссертатсионии Қосимӣ С.А. андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ баён намуда, довталабро сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ва диссертатсияи ӯро ба ҳимоя пешниҳод карданд.

Дар асоси бандҳои марбути Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** дар мавзуи **«Поэтикаи сурудҳои халқи тоҷикӣ»** кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ ба шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.
2. Оид ба мубрамии мавзуъ, навгонии илмӣ, арзиши назарию амалии диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир ва натиҷагирию дастовардҳои ӯ хулосаи ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мухлати муайян пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа, д.и.ф., профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёт — Солеҳов Ш.А.

Котиби илмӣ, ассистент — Мерганзода М.Б.

ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК